**Тақризи роҳбари илмӣ**

**доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳабибулло ба диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи филологияи Ҳинди ДМТ Латифов Алихон Давлатович дар мавзӯи «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) пешниҳод шудааст.**

Латифов Алихон соли 2004 шуъбаи ҳиндии кафедраи филологияи Ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст ва аз соли 2005 дар кафедраи номбурда ба ҳайси ассистент ба кор шурӯъ кардааст. Дар солҳои 2007-2009 дар магистратураи Донишгоҳи Лакҳнави Ҳиндустон таҳсил намудааст. Пас аз хатми магистратура боз ба кафедраи филологияи Ҳинд ба кор омада, дар он ҷо то соли 2017 дар вазифаи ассистент иҷрои вазифа намудааст. Аз соли 2017 то имрӯз вазифаи муаллими калони кафедраро иҷро менамояд. Дар давоми таҳсил дар магистратура А. Латифов худро ҳамчун мутахассиси бомаҳорати адабиёти ҳиндӣ нишон додааст. Ҳангоми дар Ҳиндустон таҳсил намудан барои навиштани диссертатсия маводи зарурӣ ҷамъоварӣ карда буд, ки дар асоси ин маводҳо навиштани корҳои илмӣ, аз ҷумла диссертатсия номзадӣ бахшида ба адабиёти муосири ҳиндӣ имконпазир шуд.

Дар ҷараёни фаъолияти илмӣ-педагогӣ Латифов Алихон нишон дод, ки мустақилона аз уҳдаи иҷро намудани таҳқиқоти назариявӣ баромада метавонад, ки инро мақолаҳои чопшудаи илмӣ ва диссертатсияи пешниҳод намудааш собит месозад.

Диссертатсияи А. Латифов, ки аз се боб иборат аст, аслан ба ҳунари ҳикоянависии яке аз чеҳраҳои намоёни адабиёти муосири ҳиндӣ Меҳруннисо Парвиз бахшида шудааст. Дар ҳамин замина дар диссертатсия инъикоси масоили иҷтимоӣ низ таҳлили худро ёфтааст.

Дар таърихи адабиёти муосири ҳиндӣ жанри ҳикоя мавқеи хоссеро дорост. Садҳо адибони машҳури Ҳиндустон дар асри XX маҳз бо эҷоди ҳикоя ба шоҳроҳи адабиёт қадам гузоштаанд ва аксарияти онҳо пеш аз ҳама ҳамчун устоди ҳикоя шуҳрат пайдо кардаанд. Меҳруннисо Парвиз (тав. 1944) аз ҷумлаи он адибони боистеъдод мебошад, ки дар давраи соҳибистиқлол шудани Ҳиндустон ба майдони адабиёт омадааст. Солҳои 50 - 60 асри XX акнун замони он набуд, ки ҳар чи бештар ба масъалаҳои озодихоҳӣ дахолат кардан зарур бошад. Замони адиба пайваста дарҷи даҳҳо масоили нави ҷомеаи ҳиндустониро тақозо мекард ва Меҳруннисо Парвиз бисёр боҷуръат ба онҳо дахолат карда, назаррас муваффақ шудааст, ки ин хусусият аз назари муҳаққиқи ҷавон дур намондааст.

Меҳруннисо Парвиз мисли Носира Шарма, Удай Пракаш, Абдул Бисмиллоҳ, Рамеш Упадҳяй ва дигар чунин ҳамасрони худ анъанаҳои демократии Премчандро идома додааст ва маҳз ҳамин усул ӯро дар паҳлӯи дигар адибони тараққипарвари Ҳиндустон гузоштааст.

Мавзӯе, ки А. Латифов ҳамчун диссертатсия мавриди таҳқиқот интихоб намудааст, дар Ҳиндустон то андозае омӯхта шуда бошад ҳам, берун аз он, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоман омӯхта нашудааст. А. Латифов дар иҷрои вазифаҳои дар пеши худ гузоштааш муваффақ шудааст. Натиҷаи кори таҳқиқии иҷрошуда дар 8 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Диссертатсияи А. Латифов дар асоси маводҳои дақиқи аслан ба забони ҳиндӣ дастрасшуда, ки муаллиф ба дараҷаи кофӣ омӯхта ба таври назариявӣ аз худ кардааст, навишта шудааст. Натиҷаҳои ҳосилшударо бо қаноатмандӣ пазируфтан мумкин аст. Меҳруннисо Парвиз муаллифи тақрибан 90 ҳикоя мебошад. Аз ин шумора муаллифи диссертатсия 14 ҳикояи бештар машҳур шудаи адибаро интихоб намуда, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар мисоли ҳамин ҳикояҳо инъикоси масоили иҷтимоӣ

баррасӣ шудаанд. Дар диссертатсия ҳангоми таҳлили ҳикояҳои ба масъалаҳои иҷтимоӣ рабт дошта, ба дараҷаи кофӣ ҳунари ҳикоянависии адиба ва ҷанбаҳои сабкии ҳикояҳо низ акси худро ёфтаанд.

Масъалаи забону услуби асарҳои бадеӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки роҷеъ ба онҳо адибону муҳаққиқон ва мунаққидон пайваста баҳсҳо созмон медиҳанд. Аз ин рӯ, ба ин масъалаи муҳим рӯ овардани диссертант бисёр ба маврид мебошад.

Диссертатсияи А. Латифов як бахши корҳои таҳқиқи адабиёти навини Шарқи хориҷӣ мебошад, ки дар марказҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Диссертатсияи А. Латифов барои хондани лексияҳо аз адабиёти навини ҳиндӣ муфид аст. Инчунин, асоси хубест барои тайёр ва нашр кардани монография бахшида Меҳруннисо Парвиз. Диссертатсияро инчунин, барои корҳои ҷамъбастӣ оид ба адабиёти навини кишварҳои Шарқ истифода бурдан мумкин аст.

Дар маҷмӯъ, А. Латифов дар иҷрои вазифаҳои дар пеш гузоштааш муваффақ шудааст. Диссертатсия дар мавзӯи мубрам навишта шудааст ва пурра ҷавобгӯйи талаботи КОА назди Президенти ҶТ мебошад ва ба ҳимоя пешниҳод мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи
филологияи Ҳинди ДМТ Раҷабов Ҳ.

Имзои Ҳ. Раҷабовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.